**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон номзади илмҳои физика-математика, дотсент
_________________Начмиддиниён А.М.
«8» ноябри соли 2023

ХУЛОСАИ

шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандартҳо, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи Раҳимзода Файзимо Гурез дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ», аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

Раҳимзода Файзимо Гурез 7-уми июни соли 1972 дар ноҳияи Данғара ба дунё омадааст. Соли 2015 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро хатм намудааст. Фаъолияти меҳнатиро ба ҳайси мураббия дар муассисаи томактабии №2-и ноҳияи Данғара огоз намудааст. Солҳои 2018-2023 ба ҳайси мудири кӯдакистони №50 назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе фаъолият намудааст. Аз соли 2023 инҷониб ҳамчун директори Муассисаи давлатии “Хонаи кӯдакони №1 барои кӯдакони ятиму бепарастор”-и шаҳри Душанбе фаъолияти педагогии хешро идома дода истодааст.

Раҳимзода Файзимо солҳои 2019-2023 ба сифати унвонҷӯ дар шуъбаи тайёрнамоии кадрҳои илмӣ, илмӣ-педагогии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон фаъолият карда, имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои зерин супоридааст:

- Таърих ва фалсафаи илм - 4 (хуб) – 14.12.2019;
- Забони хориҷӣ (англисӣ) - 4 (хуб) – 30.06.2020;
- Педагогика - ихтисосро бо баҳои 5 (аъло) – 20.05.2023.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ таҳти рақами №779 аз 20.09.2023 аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ - Табаров Н.С. номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогика ва мероси ниёгони Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам – Абуҳанифа.

Ҷаласа таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимзода Файзиморо бо иштироки муқарризони расмӣ: Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва

соҳибкории Тоҷикистон Хоҷаев Қурбон, номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ Бобоева Маҳина мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод.

Унвонҷӯ Раҳимзода Файзимо оид ба мазмуни мухтасари диссертатсия, натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастовардааш мухтасар баромад карда, чунин қайд кард, ки тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва мураккабест, ки имрӯзҳо дар назди ҷомеа талаботи нав ва ҷустани роҳҳои муассирро баҳри ҳаллу фасли он гузошта истодааст. Дар айни замон, арзишҳои моддӣ бар арзишҳои маънавӣ, то андозае бартарият пайдо карда, тасаввуроти кӯдаконро дар бораи некӣ, шафқат, адолат, шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ таҳриф намудааст.

Аз ин рӯ, ба масъалаи ташаккул додани сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ ва аз худ намудани анъанаҳою суннатҳои мардумӣ дар асоси афзалиятҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ таваҷҷуҳи хоса додан лозим аст.

Дар синни томактабӣ бозӣ як намуди фаъолиятест, ки дар он кӯдакон ташаккул меёбанд, арзишҳои шахсӣ, маҳаллӣ, оилавӣ ва дар маҷмуъ ҳиссиёти ботинии онҳо ғанӣ мегардад. Моҳияти фаъолияти бозӣ дар он аст, ки дар замири кӯдакон талаботи тағйир додани воқеияти атроф ва қобилияти эҷод кардани чизи нав бо истифода аз тахайюл пайдо мегардад.

Муассисаҳои таълимии томактабӣ, ки ҳамчун марҳилаи аввали низоми таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, дар омодасозии кӯдакон барои идомаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нақши муҳим доранд.

**Мақсади таҳқиқот.** Ҳалли масъалаҳои ба миён гузошташуда ва муайяну ошкор кардани шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар асоси гузаронидани корҳои озмоишӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот**:

1. Омӯзиши адабиёте, ки ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакон бахшида шудаанд ва таҳлили ақидаҳои педагогию психологии олимони муосир дар бораи бозиҳо ва нақши онҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ.
2. Муайян ва ошкор кардани моҳият ва хусусиятҳои бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ.
3. Илман асоснок намудани раванди педагогии ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо.
4. Ошкор сохтани нақши бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ.
5. Муайян ва ташхис намудани шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ ва психологие, ки барои тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо имконият медиҳанд.

6. Таҳлил намудани фаъолияти бозӣ ҳамчун воситаи ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ.

7. Гузаронидани корҳои озмоишӣ барои муайян намудани ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар фаъолияти бозиҳо шароитҳои ташкилӣ-педагогии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти муассисаҳои томактабӣ дар самти ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон ошкор карда шуд.

- моҳияти бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ илмӣ муайян карда шуд;
- илман собит гардид, ки роҳандозии мақсадноки ашё ва бозичаҳо дар раванди фаъолияти бозиҳо ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ мусоидат мекунанд;
- натиҷаҳои аз таҳқиқот ба даст омада фаҳмишҳои назариявии раванди ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабиро дар фаъолияти бозиҳо васеъ менамоянд;
- ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо дар асоси корҳои озмоишӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо илман исбот карда шуд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ, мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) мутобиқат мекунад. Аз ҷумла: ба банди 1 – Назарият, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ, банди 11 – Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ ва банди 13 – Фаъолияти инноватсионӣ ва таҷрибавию озмоишӣ ҳамчун манбаи рушди назария ва методикаи тарбияи томактабӣ мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Бояд қайд кард, ки диссертант аз соли 1994 то инҷониб дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ фаъолияти корӣ намуда, дар бароҳмонии усулҳои инновасионии педагогӣ баҳри ташаккул, инкишоф ва бакамолрасии кӯдакони синни томактабӣ саҳми беандоза гузоштааст. Муҳаққиқ дар фаъолияти корӣ тавонистааст, тамоми паҳлуҳои мавзуи матраҳшавандаро то сатҳи лозимӣ ҳаллу фасл намуда, ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидааст.

Диссертант барои гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ оид ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо методикаи гузаронидани корҳои озмоишӣ-таҳлилиро таҳия намуда, ба натиҷаҳо ва хулосаҳои зарурӣ бароварда шудаанд.

Тибқи мазмуну мундариҷаи диссертатсияи илмӣ ба унвонҷӯ саволҳо пешниҳод гардида, ҷавобҳои мушаххас ва дуруст баргардонида шуд.

Сипас, муқарризи расмӣ - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва

соҳибкории Тоҷикистон Хоҷаев Қурбон Тоирович қайд намуд, ки ташкили педагогии бозиҳо дар ташаккули сифатҳои ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ яке аз масъалаҳои мубрами замони муосир буда, зарурати амалисозии он дар таҳсилот - қадами муҳим дар рушди замони муосир мебошад. Чунки кӯдакони соҳибистеъдод ва қобилиятнокро ҳанӯз аз синни томактабӣ бояд дарёфт ва ҷиҳати рушди истеъдоди онҳо кумак кард.

Муқарризи холиси дигар - доктори илмҳои педагогӣ, ходими калони илмии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон И. Давлатшоев қайд намуд, ки муҳим будани мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки давраи томактабӣ давраи шаклгирии инсон буда, арзишҳои моддӣ ва маънавӣ маҳз дар ҳамин давра ташаккул меёбад. Ғайр аз ин, ногуфта намонад, ки ин масъала ҳамарӯза дар сатҳи шуъба ва раёсатҳои маориф ва муассисаҳои томактабӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Албатта, амалишавии масъалаҳои мазкур дар навбати худ ба иҷтимоишавии кӯдакон, ташаккули истифодаи ахлоқӣ, мутобиқшавӣ ба арзишҳои фарҳангию ахлоқӣ мусоидат менамояд.

Муқарриз Бобоева Маҳина Равшановна, номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандартҳо, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон қайд кард, ки кори илмии таҳқиқотии унвонҷӯ кори мустақилона анҷомёфта буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад, пешниҳод мекунам, ки кори таҳқиқотӣ ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод карда шавад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки хулосаҳои гирифташуда, маводҳои бо роҳи таҳқиқот ва натиҷаи корҳои озмоишӣ бадастомада, метавонанд, то ҳадди имкон ба ҳайси дастуру роҳнамо ва манбаи ҳақиқӣ дар таҳқиқи минбаъдаи ташаккули сифатҳои маънавӣ - ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ хидмат намоянд.

Ҳамин тариқ, бо дар назардошти муҳокима ва хулосаи муқарризони холис оид ба омӯзиши дараҷаи коркарди масъалаи мазкур бармеояд, ки диссертатсияи Раҳимзода Файзимо Гурез дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ», аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) кори илмии мустақилонаи бaанҷомёфта буда, дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди худ гузошта барои иҷрои мақсади таҳқиқот ноил шудааст.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои илмии зерин дар нашрияҳои илмии тақризшаванда чопнамудаи унвонҷӯ пурра мазмуни диссертатсияро фаро мегиранд:

[1-М] Раҳимзода Ф.Г. Эҷодкорӣ чун фаъолияти зеҳнӣ ва ҳамчун синоними шиддатнокии фаъолияти равонӣ // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. - №2(38). – Душанбе. 2022. – С.85-89. ISSN 2617-5320.

[2-М] Раҳимзода Ф.Г. Аҳамияти бозӣ дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. - №2(47). –Душанбе. 2023. –С.91-97. ISSN 2222-9809.

[3-М] Раҳимзода Ф.Г. Ҷанбаҳои педагогии бозиҳо дар ташккули рафтори кӯдакони синни томактабӣ // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. - №2(47). – Душанбе. 2023. – С.110-116. ISSN 2222-9809.

[4-М] Табаров Н.С. Раҳимзода Ф.Г. Нақши бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии шахс // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. - №3(48). – Душанбе. 2023. – С103-109. ISSN 2222-9809.

[5-М] Раҳимзода Ф.Г. Тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозӣ //Маводи конференсияи илмӣ-ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Технологияи инноватсионии фаъолияти эҷодии кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ». – Душанбе. - 2021. – С.48-52.

[6-М] Табаров Н.С. Раҳимзода Ф.Г. Мукаммалсозии раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозӣ // Маводи конференсияи байналмилмлӣ таҳти унвони «Таъмини баробарҳуқуқии кӯдакони имконияташон маҳдуд дар таълим, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он дар ҷомеа». - Душанбе.11.12.2022. – С.429-433.

[7-М] Раҳимзода Ф.Г. Ташкили шароитҳои педагогӣ ҷиҳати ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозӣ // Маводи конференсияи байналмилмлӣ таҳти унвони «Таъмини баробарҳуқуқии кӯдакони имконияташон маҳдуд дар таълим, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он дар ҷомеа». - Душанбе.11.12.2022. – С.433-437.

[8-М] Раҳимзода Ф.Г. Бозӣ ва ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон // Маорифи Тоҷикистон. -№7. –Душанбе, 2023. –С.14-16.

[9-М] Раҳимзода Ф.Г. Инкишофи ҷисмонӣ ва ташаккули тасаввуроти кӯдакон // Маърифати омӯзгор. - №7. – Душанбе, 2023. – С.32-33. ISSN 2306-4293.

[10-М] Раҳимзода Ф.Г. Ихтироъкорӣ низ замина ва тарбия мехоҳад // Илм ва ҳаёт. -№2. –Душанбе, 2023. –С.22-23.

Бо дарназардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокдорони ҷаласаи шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигарву такмили стандартҳо, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи илмии Раҳимзода Файзимо Гурез дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ» кори илмии мустақилона баанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.
2. Диссертатсияи илмии Раҳимзода Файзимо Гурез дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

ба талаботи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

3. Диссертатсияи Раҳимзода Файзимо Гурез дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ» барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ тавсия ва пешниҳод карда шавад.

Хулоса аз ҷониби мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандартҳо, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Бобоева М.Р. мураттаб шуда, аз 8-уми ноябри соли 2023, протоколи №09 қабул шудааст.

Дар ҷаласа 12 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «Тарафдор» - 12 нафар, «Зид» - нест, «Бетараф» - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои
педагогӣ, мудири шуъбаи муассисаҳои
томактабӣ, ибтидоӣ, бознигарву такмили
стандартҳо, барномаҳои таълимӣ
ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди
маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Бобоева М.Р.

Котиби ҷаласа, номзади илмҳои филологӣ Тоҳириён Ш.А.

Имзоҳои М. Бобоева, Ш.А.Тоҳириёнро тасдиқ мекунам

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.

Маълумот барои тамос: Суроға: 734024, ш.Душанбе, к. А. Адҳамов 11/2. Email:prmatt@maorif.tj